آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

27 июни соли 2020. Шанбе

№ 42 (14641)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАР АСОСИ ТАҲЛИЛИ АМИҚ, МЕҲНАТИ ПАЙВАСТА ВА МУНОСИБАТИ ОҚИЛОНА БА НАТИҶАҲОИ АНИҚ МУВАФФАҚ МЕГАРДЕМ



**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 26 июн барои шиносоӣ бо рафти ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва лоиҳаҳои бузург дар маҳалҳо, мулоқот бо аҳолӣ ба вилояти Намангон сафар кард.**

Сараввал сарвари давлат бо фаъолияти кластери меваю сабзавоти «Нуран ӯз» дар ноҳияи Поп шинос шуд.

Поп ноҳияи калонтарини вилояти Намангон ба ҳисоб меравад. Мувофиқи қарори дахлдори Президент дар бораи азхудкунии дубораи заминҳои кишоварзӣ, ки аз кишт бароварда шуда буданд, барномаи азхудкунии заминҳои санглох дар минтақа таҳия шуд.

Тибқи барнома аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Нуран ӯз» дар 1885 гектар сартеппаи ноҳияи Поп кластери меваю сабзавот ташкил карда шуд. Баҳори соли равон дар 100 гектар зардолу, 70 гектар гелос шинонда шуда, дар 12 гектар токзор доман густурд.

Навъҳои зардолуи «Magador», «Maryblon 29c» ва «Flopria»-и аз Испания воридшуда аллакай баъди ду моҳ нишона пайдо кард. Боғ соли оянда пурра ба ҳосил даромада, то 70 тонна мева медиҳад. Ин маънои аз ҳар гектар ба маблағи 50 ҳазор доллар содир намудани меваро дорад.

Соҳибони кластер ба дастовардҳо қонеъ нашуда, байни қаторҳо харбуза ва тарбуз коштаанд. Дар ин рӯзҳо маҳсулоти полизӣ ба Русия ва дигар кишварҳо содир карда мешавад. Аз ҳама муҳимаш — тамоми мева ва зироати полизӣ 100 фоиз аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошанд.

Дар заминҳое, ки дар давоми чил сол бесамар истифода мешуданд, боғи интенсивӣ дар асоси усули инноватсионӣ ташкил карда шуда, технологияи сарфаи обёрии қатрагӣ ҷорӣ карда шуд. Ҷорӣ шудани ин система аз ҷониби худи кластер 50 фоизи маблағро сарфа менамояд. Барои ин 4 чоҳ кофта шуд, ки обро аз чуқурии 180 метр мекашад. Низоми пурра компютерикардашуда обро ба заминҳои ташна тақсим мекунад. Яъне, ҳамаи корҳо тавассути компютер анҷом дода мешаванд.

Ин марҳилаи аввали лоиҳаи дузинагӣ мебошад. Дар доираи марҳилаи навбатӣ, ки барои солҳои 2021–2022 ба нақша гирифта шудааст, боз 1455 гектар замин азхуд карда хоҳад шуд. Пас аз татбиқи пурраи лоиҳа 350 ҷойҳои корӣ таъсис дода шуда, ҳар сол ба маблағи 10 миллион доллар содир намудани мева ва сабзавот пешбинӣ шудааст.

Дар ин заминҳои ба ҳоли худ гузошташуда бунёд намудани боғи зебо кори осон набуд. Ба туфайли кластер технологияҳои самарабахш ҷорӣ карда шуда, ҳосилнокии замин баланд шуд. Ин, албатта, натиҷаи кӯшишҳои дар мамлакати мо барои азхудкунии заминҳои истифоданашуда ва ба манбаи даромади аҳолӣ табдил додани он аст.

Дар оянда аз тариқи кластер дар 500 гектар настаран ва 200 гектар ангури калифорниягӣ шинондан ба нақша гирифта шудааст. Ин навъи ангур, ки 1 килои он дар бозори ҷаҳонӣ 37 евро нарх дорад, соли чорум аз ҳар гектар 100 килограммӣ ҳосил медиҳад.

Муҳимтар аз ҳама, дар ин ҷо қариб ба кишоварзӣ машғул намешаванд, пас маълум аст, ки фардо чӣ қадар фоида ба даст овардан мумкин аст. Таҷрибаи деҳқононе, ки биёбони бекорхобидаро ба боғи зебо табдил медиҳанд, барои дигар соҳаҳои пешрафтаи кишоварзӣ намуна буда метавонад. Чӣ тавре ки мебинем, дар он ҷое даромад ба даст овардан мумкин аст, ки ба назар барои ин ягон шароит вуҷуд надорад, ин натиҷаи муносибати оқилона ва меҳнати таҳтидилона аст.

Роҳбари давлат боғро аз назар гузаронда, дар ин ҷо бо намояндагони насли калонсол, кормандони соҳаи кишоварзӣ суҳбат кард.

Таъкид гардид, ки ноҳияҳои вилояти Намангон бояд ба парвариши зироатҳои муайяни кишоварзӣ, аз ҷумла ноҳияҳои Косонсой, Чортоқ, Янгиқӯрғон ба боғпарварӣ ихтисосонида шаванд.

— Мо чораи дигаре надорем. Сарзаминамон бой аст, мо бояд инро истифода барем, Намангонро барои минтақаҳои дигар намуна нишон диҳем, мардумро бедор кунем. Мо бо замин, тухмӣ, ниҳолҳо ва маблағ таъмин кунем, боқимондааш аз кӯшишҳои худи мардум вобаста аст. Бидуни ин, натиҷаи дилхоҳ ба даст намеояд, — изҳор кард Президент.

Дар ин ҷо муҳокимаи лоиҳаҳо ва нақшаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Намангон баргузор гардид. Роҳбари давлат аҳамияти истифодаи усулҳои нави кишоварзиро қайд кард, ки паҳлуҳои навро кашф карда, барои имкониятҳои нави кишвар роҳ мекушоянд.

Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки лоиҳаи қарорро дар бораи махсусгардонии минтақаҳои вилоят таҳти зироатҳои кишоварзии мушаххас бо назардошти иқлим ва имкониятҳо омода намоянд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо лоиҳаи сохтмони маҷмӯи гармхонаҳо дар қаламрави мавзеи «Баланд адир»-и ноҳияи Чортоқ шинос шуд.

Зимни ташрифи соли гузашта ба вилояти Намангон Президент супориш дода буд, ки бекорон ва оилаҳои ба ҳимояи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд бо кор ва манбаи устувори даромад таъмин карда шаванд. Бахри иҷрои ин вазифаҳо ҳокимияти вилоят якҷоя бо Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ лоиҳаи «Дар як ҷой - ҳазор гармхона» -ро амалӣ менамояд.

Якҷоя бо ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Голден натс Наманган» лоиҳаи ташкили ҳазор гармхона — ҳар якаш дар 2 садяк гектар — дар 36 гектар заминҳои азхуднашудаи сартеппагӣ амалӣ карда мешавад.

Барои татбиқи лоиҳаи арзиши умумиаш 13 миллиард сӯм аз Фонди кӯмак ба шуғли аҳолӣ 6,7 миллиард сӯм субсидия ва 6,3 миллиард сӯм воми имтиёзнок аз бонкҳои тиҷоратӣ ҷудо карда мешавад.

Дар айни ҳол 800 гармхонаи иқтидораш 7000 тонна сабзавот дар як сол сохта, ба соҳибонашон супурда шудааст. Интизор меравад, ки 200 гармхонаи боқимонда баъд аз як моҳ ба истифода дода мешавад.

Ба Президент дар бораи бартарии ин лоиҳа маълумот дода шуд.

Бинобар ақидаи мутахассисон, дар асоси тамоюли «як ноҳия - як маҳсулот» дар гармхонаҳо маҳсулоти баландсифати ба содирот нигарондашуда парвариш карда шуда, оилаҳои камбизоат манбаи устувори даромад ва шуғл ба даст меоранд. Онҳо бо ниҳол, об, нуриҳо таъмин карда мешаванд.

Дар гармхонаҳо дар як сол метавонед то се маротиба ҳосил гиред. Аз ҷумла, дар яке аз гармхонаҳо 700 бех помидор шинонда шуд. Ҳар як бутта ба ҳисоби миёна 4-5 килограммӣ маҳсулот медиҳад. Имрӯз, вақте нархи миёнаи 1 килограмм помидор 3000 сӯм аст, танҳо аз ҳосили аввал 7-8 миллион сӯм даромад гирифтан мумкин аст.

Дар доираи лоиҳа аз ҷониби Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ инчунин оид ба омӯзиши касбҳои кишоварзӣ ба аъзои оилаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ночор мономарказ ташкил карда шуд. Ҳамасола беш аз 2000 нафар бекорон дар чунин соҳаҳо ба монанди парвариши лимӯ, харгӯш, занбӯриасалпарварӣ, моҳипарварӣ ва чорводорӣ таълим мегиранд.

Президент Шавкат Мирзиёев зарурати идома додани корҳои муттасилро оид ба таъмини шуғли аҳолӣ таъкид намуд. Қайд карда шуд, ки ҳадди ақалл даҳ ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шавад.

— Халқи мо бояд натиҷаҳои ислоҳотро ҳис кунад, — гуфт роҳбари давлат. — Мо бояд як низомеро ба вуҷуд оварем, ки онҳо қонеъ гарданд.

Муаррифии лоиҳаҳо оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини шуғл дар вилоят, ташкили ҶММ «Голден натс Наманган»-и боғдории интенсивӣ (рӯёндани чормағз, бодом, себ ва олуболу), чорводорӣ ва коркарди шир ба амал омад.

Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти корхонаи «DB Group Eco», ки дар ноҳияи Учқӯрғон оид ба парвариши зотҳои нодири моҳӣ дар дарёи Норин фаъолият нишон медиҳад, шинос шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## БА ХОДИМОНИ МАТБУОТ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАВӢ

**Дӯстони азиз!**

Хеле хушҳолам, ки ҳамаи шуморо бо Рӯзи ходимони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ – 27 июн табрик менамоям ва бароятон эҳтироми амиқ ва таманноҳои беҳтаринро изҳор мекунам.

Аз фурсат истифода намуда, ба шумо барои он ки сарфи назар аз вазъияти мураккаб ва машаққатҳои кунунӣ, ки аз сабаби паҳн гардидани пандемия ба вуҷуд омадааст, аз рӯи виҷдон қарзи касбии худро дар бобати ба аҳолӣ таъҷилона ва муътамад расондани ахбор, ҳамаҷониба равшан намудани ислоҳоти ҷории демократӣ дар мамлакатамон адо менамоед, миннатдории амиқ изҳор менамоям.

**Муҳтарам ходимони воситаҳои ахбори оммавӣ!**

Чи хеле ки ба шумо маълум аст, имрӯз дар марҳалаи нави инкишофи мамлакатамон ба ислоҳоти куллӣ ва такмили ҷанбаи иттилоот низ эътибори ҷиддӣ нигаронда мешавад.

Инро он нукта низ собит месозад, ки дар се соли охир беш аз 10 ҳуҷҷати қонунгузорӣ дар самти мазкур қабул гаштааст. Аз ҷумла, бинобар қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои минбаъда оид ба таъмини истиқлолияти воситаҳои ахбори оммавӣ ва инкишофи фаъолияти хидматҳои матбуоти мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ» дар ин соҳа низоми нав ташаккул ёфтааст.

Соли гузашта бо мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ хидматҳои матбуоти бисёр вазорат ва идораҳо бинобар талаботи замон бозсозӣ шуда, дар 201 ҳокимияти ноҳия ва шаҳр чунин хидматҳо бори аввал ташкил гардиданд.

Барои пешниҳод намудани маълумоти боварибахш дар бораи ҷараёнҳои ҷории ҷамъият ин хидматҳо нишастҳои матбуотӣ, брифинг, медиатурҳо ташкил менамоянд, дар заминаи мушкилоти ҳассос ва рӯйдодҳо аз он ҷумла дар веб-сайтҳои худ, шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенҷерҳои мобилӣ ошкорона тафсирот пешниҳод мекунанд.

Дар солҳои охир қариб 290 нашрияи интернетии хусусӣ ва идоравӣ ташкил гардиданд. Онҳо ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ дар баробари маводи дигар муҳимтарин иттилооти расмӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқиро паҳн мекунанд.

Аз ҳама муҳимаш, воситаҳои ахбори оммавии ватанӣ, ҷараёнҳои доманфарохи бозсозии мамлакатро аз ҳар ҷиҳат таҳлил намуда, диққати идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятро ба мушкилоти иҷтимоӣ ва камбудиҳо дар маҳалҳо менигаронанд.

Табъан, имрӯз мо дар ҷустуҷӯи роҳи рушди тамоми ҷанбаҳо, аз он ҷумла соҳаи иттилоот қарор дорем. Табиист, ки ҳамзамон дар баробари муваффақиятҳо кӯтоҳӣ ва камбудиҳо дучор мегарданд.

Вақте ки дар ин бобат сухан ба миён меояд, бояд эътироф кард, ки фош намудани талаботи сахт ва тамоилҳои муҳими имрӯз, таҳлили танқидӣ, боҷуръатона ба муҳокимаи ҷамъият гузоштани мавзӯъҳо ва мушкилоти боиси ташвиши одамон ҳанӯз дар фазои матбуоти миллӣ бартарият касб нанамудаанд. Мутаассифона дар аксарият воситаҳои ахбори оммавӣ маводе бартарият дорад, ки молики аҳамияти баланди иҷтимоӣ набуда, дар рӯҳи ҳисоботиву баландпарвозӣ таҳия гаштаанд.

Боз як масъалаи муҳим: ҷамъиятро дараҷаи пасти дониш ва профессионализм, маданияти баҳси баъзе аз журналистон ва блогерҳо дар ташвиш гузоштааст.

Бинобар ин вазифаи асосӣ омӯзиши амиқ ва бартарафсозии чунин камбудиҳо, гузаштан аз нишондодҳои миқдорӣ ба сифатӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори оммавӣ, баланд бардоштани самаранокии кори онҳо ба шумор меравад.

Имрӯз дар ҳоле ки давлати демократии ҳуқуқбунёд месозем, мо бояд ба талаботи қатъӣ ва маҳакҳои журналистика, ки дар тамоми ҷаҳон эътироф гаштааст, риоя намоем. **Муҳимтарин принсипҳои ин – объективӣ ва эътимоднокӣ**. Ҳар касе, ки дар фазои иттилоот фаъолият менамояд – хоҳ журналист, хоҳ блогер ба ин қоида бояд риоя кунад.

Мо ба он нукта эътибор бояд диҳем, ки журналистони оянда соҳиби дониши амиқ ва истеъдоди касбӣ, соҳиби мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ буда, дар баробари забони модарӣ забонҳои хориҷӣ, технологияи иттилоотиву коммуникатсиониро балад бошанд.

Агар мо ба мероси ғании маънавии мардумамон такя намуда, чунин кадрҳои баландмалакаро тарбия намоем, ин кор боз ҳам босамар хоҳад гардид. Хусусан мероси ҷадидон, аз он ҷумла мактаби миллии журналистикаи олим ва публисисти маъруф Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ки соли ҷорӣ 145-солагии ӯ васеъ ҷашн гирифта мешавад, аҳамияти калонро молик аст.

Бинобар ин таъсис намудани **стипендияи ба номи Маҳмудхоҷа Беҳбуди**ро барои донишҷӯёни Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияи оммавии Ӯзбекистон пешниҳод менамоям, ки барои тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ғояи миллӣ хидмат менамояд.

Мо инчунин таҷрибаи маъруфтарин ширкатҳои расонавии ҷаҳонро дар ҷиҳати тарбия ва кор бо кадрҳо, васеъ намудани табодули таҷриба бо журналистони хориҷӣ, ҳамкории байналхалқӣ дар ин соҳа амиқ омӯзем.

**Муҳтарам ходимони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ!**

Бори дигар аз тахти қалб шумо ва тамоми ҳаводоронатонро бо ҷашни имрӯза табрик менамоям.

Барои ҳамаатон тансиҳатии мустаҳкам, муваффақияти нав, хушбахтӣ ва барои хонаводаҳоятон фараҳмандӣ орзумандам.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

*Акси садо*

## МО ХАЛҚҲОИ ДУЗАБОНАИ МАДАНИЯТ, СУННАТ ВА АНЪАНАҲОЯШОН ЯГОНА ҲАСТЕМ

***«Яхи муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон об шуд». Дар мақолае, ки дар шумораи 20 июни соли 2020-уми рӯзномаи «Овози тоҷик» ба ҳамин ном чоп шуд, муаллифи он ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қобилҷон Хушвақтзода дар бораи робитаҳои барқароршудаи дӯстонаи байни ду халқ ва иродаи сиёсии роҳбарони ду давлат дар ин бора ҳарф мезанад.***



Воқеан халқҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро натанҳо дӯстии бисёрасрина ва ҳамсоягии нек, дини ягона, маданият, урфу одат ва анъанаҳои муштарак, балки ҳамкориҳое, ки бароиояндаи умумӣ ва тараққиёти мустақим амалӣ мешаванд, пайванд месозанд. Туфайли иродаи сиёсии роҳбари давлати мо алоқаҳои серҷанбаи ҳамкорӣ, робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва маданиву башардӯстона бо Тоҷикистон мустаҳкам гардиданд. Тавре ки муаллиф таъкид менамояд, яхи муносибатҳои тарафайн об шуд.

Сафари давлатии дорои аҳамияти таърихии роҳбари давлати мо Шавкат Мирзиёев ба ин мамлакат, ташрифи нахустини давлатии роҳбари Тоҷикистон ба Ӯзбекистон, муносибатҳои ошкоро, эътимоди тарафайн ва дӯстонаи онҳо барои аз нав барқарор шудани муносибатҳои азалии байни халқҳоямон аҳамияти муҳим касб карданд. Бидуни шубҳа, дигаргуниҳои азими мусбате, ки дар муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба даст омаданд, боиси мустаҳкам гардидани дӯстии байни халқҳоямон мегарданд. Кайфияти одамоне, ки солҳои дуру дароз бо хешу ақрабо, дӯстону наздикони худ имкони вохӯрӣ надоштанд, низ дигаргун шуд.

Инкишоф додани муносибатҳои дӯстона бо кишвари ҳамсояи Тоҷикистон, ки бо мо аз як дарё об нӯшида, хешу ақрабо шудаанд ва воқеан мардуми чун чашму абрӯ қарин мебошанд, яке аз самтҳои устувори сиёсати хориҷии Ӯзбекистон ба шумор меравад. Ба шарофати ин самти устувор муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз нав барқарор шуданд. Мавқеи сиёсати минтақавии Ӯзбекистон боиси дар ҷомеаи байналхалқӣ афзудани обрӯ ва эътибори он мегардад.

Сиёсати хориҷии Ӯзбекистони навбунёд нисбат ба Осиёи Марказӣ, ки ҳамчун омили асосӣ пазируфта мешавад, дар доираи робитаҳои дипломатӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва маданӣ барои рушду пешрафти соҳаҳои асосӣ, аз ҷумла ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиёту коммуникатсия, энергетика ва ғайра, бинобар ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ созмон додани Комиссияи байниҳукуматӣ боиси боз гардидани нуқтаҳои гузаргоҳии сарҳадӣ, ба роҳ монда шудани рафтуои нақлиётии байни кишварҳо шуданд.

Баробари ин робитаҳо дар байни минтақаҳо низ инкишоф меёбанд. Мубодилаи ҳайатҳо дар байни вилоятҳои ду мамлакат, алоқаҳои илмӣ, баргузор гардидани анҷуманҳои тиҷоратии байниминтақавӣ ва намоишгоҳҳо аз ин шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, дар байни вилоятҳои Сурхондарё ва Хатлон, вилояти Самарқанд ва вилояти Суғд бинобар ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву техникӣ ва маданиву инсонпарварӣ муоҳидаҳо ба имзо расиданд, ки ба инкишоф ёфтани алоқаҳои байниминтақавӣ роҳ кушоданд. Тоҷикистону Ӯзбекистон барои ба роҳ мондани муносибатҳои шарикии стратегӣ, эҳтироми тарафайн, робитаҳои дӯстӣ ва ҳамсоягии нек саъю кӯшиш менамоянд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ДАР АСОСИ ТАҲЛИЛИ АМИҚ, МЕҲНАТИ ПАЙВАСТА ВА МУНОСИБАТИ ОҚИЛОНА БА НАТИҶАҲОИ АНИҚ МУВАФФАҚ МЕГАРДЕМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар тӯли солҳои зиёд дар мамлакати мо ба рушди низомнок ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки соҳаи моҳипарварӣ аҳамияти кофӣ дода намешуд. Ин имкониятҳои парвариши моҳиро маҳдуд намуда, боиси коҳишёбии иқтидорҳои истеҳсолии хоҷагиҳо гардид. Дар айни замон, бо назардошти он ки парвариши моҳӣ на танҳо соҳаи даромаднок аст, балки аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад, давлат барои субъектҳои хоҷагидории дахлдор субсидияҳо ва имтиёзҳо ҷорӣ мекунад.

Роҳбари давлати мо борҳо ба масъалаҳои вусъат додани иқтидори ин соҳа, ғанӣ сохтани ғизои аҳолӣ бо маҳсулоти моҳӣ, ҷорӣ намудани инноватсияҳо, парвариши интенсивии моҳӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва афзоиши содирот дахл кардааст. Соли 2017 иттиҳодияи «Ӯзбекбалиқсаноат» таъсис дода шуд. Дар кишвар қариб 4 ҳазор хоҷагиҳои моҳипарварӣ фаъолият нишон медиҳанд, ки ҳар сол 190 ҳазор тонна ин маҳсулоти фоиданокро тайёр мекунанд.

Шумораи хоҷагиҳои моҳипарварии интенсивӣ низ меафзоянд. Аз ҷумла, дар соли 2019 истеҳсоли моҳӣ дар вилояти Намангон 6 932 тонна буд ва дар соли ҷорӣ ин рақам ба 20 ҳазор тонна хоҳад расид.

Арзиши лоиҳаи корхонаи «DB Group Eco», ки он ҳангоми сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилоят дар соли 2018 пешниҳод шуда буд, 40 миллиард сӯмро ташкил дода, аз онҳо 28 миллиардаш қарзи бонкӣ, 12,5 миллиардаш маблағҳои сармоягузорони лоиҳа мебошанд.

Иқтидори солонаи корхона 1,5 ҳазор тонна маҳсулоти моҳӣ мебошад. Дар ин ҷо дар асоси таҷрибаи аврупоӣ парвариши интенсивии намудҳои лазизи моҳӣ, аз ҷумла гулмоҳӣ ва лосос ба роҳ монда шудааст. Тухми моҳӣ ва хӯрока аз Дания ва Олмон ворид карда мешаванд.

Барои парвариши ин намудҳои моҳии хунукидӯст, ки асосан дар оби тоза ва аз оксиген ғанӣ зиндагӣ мекунанд, об аз худи дарёи Норин ба обанборҳои корхона бароварда мешавад ва сипас боз ба дарё бармегардад. Ба шарофати ин, захираҳои обу энергия сарфа карда мешаванд.

Дар масоҳати 5 гектар обанборҳои пӯшида барои рӯёндани тухми моҳӣ ва моҳичаҳо, инчунин 66 ҳавзи кушод сохта шудаанд. 100 ҷойҳои корӣ таъсис дода шуданд. Баробари бо иқтидори пурра кор кардани корхона имкони 2000 тонна чавоғи моҳӣ парвариш намудан фароҳам оварда мешавад. Дар айни замон гулмоҳӣ ба бозори дохилӣ дар шакли яхкардашуда, инчунин дар шакли хунук ва гарм дуддодашуда, филе бо намаки кам интиқол дода мешавад.

— Чунин намудҳои моҳии нодир бояд барои аҳолӣ дастрас бошанд. Барои ин зарур аст, ки истеҳсоли хӯроки моҳӣ ба шароити маҳал мутобиқ карда шавад. Танҳо дар сурати коҳиш ёфтани нарх, бозор фаъолтар хоҳад шуд, дар рӯи мизи мардум моҳӣ зиёдтар мегардад ва фоидаи соҳибкор дучанд мешавад, — гуфт сарвари давлат.

Гулмоҳӣ аз фосфор, кислотаҳои равғании омега-3 ва омега-6 бой аст. Истеъмоли он хатари бемориҳои дилу раг ва асаб, склерозро коҳиш медиҳад. Аз ин сабаб ба маҳсулоти гулмоҳӣ на танҳо дар дохили кишвар, балки дар бозорҳои хориҷӣ низ талабот баланд аст. Корхона ба нақша гирифтааст, ки то охири сол 300 тонна моҳиро содир кунад.

Президент зарурати муносибати ҷиддӣ додан ба лоиҳаҳои сохтмони чунин корхонаҳо бо назардошти хусусиятҳои моҳипарварӣ таъкид кард. Дар ноҳияҳои Учқӯрғон, Мингбулоқ, Уйчи, Поп ва Норини вилоят татбиқи 75 лоиҳаи нав ба маблағи 299 миллиард сӯм пешбинӣ шудааст.

Дар ин ҷо сарвари давлат бо муаррифии лоиҳаҳои нав оид ба рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла моҳипарварӣ, чорводорӣ, паррандапарварӣ, харгӯшпарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва бузпарварӣ шинос шуд.

Ҳамин тавр, дар соли 2020 дар вилоят 84 лоиҳаи нав дар соҳаи чорводорӣ татбиқ карда шуда, корхонаҳои коркарди гӯшт таъсис дода мешаванд. Ноҳияи Поп дер боз ба парвариши бузҳои зотии пашмдор ихтисосонида шудааст.

Роҳбари давлат супориш дод, ки ин таҷрибаи гумшуда барқарор карда шуда, оид ба истеҳсол ва коркарди пашм кластер созмон дода шуда, 20 ҳазор сар гӯсфанду буз дар асоси шартнома байни 1500 ҳазор хонаводаҳои ноҳияҳои Поп ва Чуст тақсим карда шавад.

Роҳбари давлат супориш дод, ки барномаи маҷмӯии рушди занбӯриасалпарварӣ таҳия карда шуда, дар шаҳри Намангон маҷмӯи оид ба истеҳсол ва бандубасти 10 ҳазор тонна асали ба содирот нигаронидашуда ба кор дароварда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо лоиҳаҳое, ки дар минтақаи хурди саноатии «Юксалиш» дар Намангон ба амал татбиқ мегарданд, шинос гардид.

Дар минтақаи саноатие, ки 117 гектарро ишғол менамояд, ба амал татбиқ намудани 95 лоиҳа ба ҳаҷми 1 триллиону 208 миллиард сӯм дар чунин соҳаҳо, мисли истеҳсоли масолеҳи сохтмон, мошинсозӣ ва коркарди филизот, электротехника, бофандагӣ ва дӯзандагӣ ба нақша гирифта шудааст.

То ҳанӯз 32 лоиҳа ба микдори 66,9 миллиард сӯм ба поён расидааст, ки қодир аст ба қимати 311,1 миллиард сӯм мол истеҳсол намояд. Ба иқтидори пурра расидани ин истеҳсолот ба вуҷуд овардани 7,3 ҳазор ҷойи кор ва соле содир намудани амвол ба қимати 7,8 миллион доллар мусоидат менамояд.

Ҳоло ҳозир корхонаҳои минтақаи саноатӣ шифер, трубаҳои чуянии мукаммал, маҳсулоти филизӣ, насосҳои обкашӣ ва муҳаррикҳои электрикӣ, сачоқҳои маҳин, зарфҳои калонҳаҷми обгирӣ ва ҳамчунин труба ва қисмҳои пластикӣ, ҷӯроб ва маҳсулоти кешбофӣ истеҳсол менамоянд.

Ба роҳбари давлат лоиҳа оид ба истеҳсоли кошиҳои сафолӣ ва маҳсулоти сафолии ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Flat tile» шинос карда шуд.

Иқтидори истеҳсолии маҳсулот соле ба ҳаҷми 35 миллиард сӯм дар семоҳаи дуюми соли 2021 супурда шуда, 410 ҷойи кор ба вуҷуд меояд ва ҳамчунин соле ба қимати 15,3 миллион доллар содир намудани амвол ба нақша гирифта шудааст.

– Чунин канданиҳои фоиданоки ғаниро аҳёнан дучор шудан мумкин аст, ки дар Ӯзбекистон вуҷуд доранд, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Мо имконоти зиёд ва захираҳои табииро барои истеҳсоли чунин маҳсулоти баландсифат моликем, аммо онҳоро харид мекардем. Чаро? Чунки бо тадқиқотҳои замонавии геологӣ машғул нагардидем, экспедитсияҳоро роҳандозӣ накардем, муносибати илмиро ҷорӣ нанамудем. Акнун фурсате расид, ки ашёи хомро дуруст, босамар истифода намуда, қарорҳои аз лиҳози илмӣ асоснокро барои истеҳсоли амвол, ки ҷавобгӯйи талаботи имрӯз бошад, пайдо намоем!

Президент инчунин бо лоиҳаҳои корхонаҳои «Zamin kiyim sanoat», ки ба дӯхтани костюм, куртка ва палтои мардона ихтисос ёфта, дар ҳудуди МХС ба амал татбиқ мегардад, шинос шуд. Лоиҳаи қиматаш 24 миллиард сӯм истеҳсоли маҳсулотро соле ба микдори 10 миллиард сӯм ва содиротро дар ҳаҷми 300 ҳазор доллар пешбинӣ менамояд. 300 нафар бо кор таъмин хоҳанд шуд.

Роҳбари давлат бо намоиши маҳсулоти чандин корхона шинос гардид, ки дар минтақаи хурди саноатӣ фаъолият доранд.

Маълумоти муфассал дар бораи потенсиали истеҳсоли саноатӣ дар вилояти Намангон ва ҳамчунин лоиҳаҳои сармоягузорие, ки барои солҳои 2020-2021 муқаррар гардидаанд, корҳои ҷорӣ доир ба коҳиши қашшоқӣ, афзудани шуғли аҳолӣ пешниҳод карда шуд.

– Ин Намангони дирӯза нест. Ба вуҷуд овардани 55 ҳазор ҷойи кор дар муддати хеле кӯтоҳ, таҳияи лоиҳаҳо ба қимати 13 триллион сӯм, бешубҳа, ба минтақа тағйироти беназир ворид менамояд, – гуфт роҳбари давлат.

Президент Шавкат Мирзиёев ҳар як лоиҳаро хеле дақиқ таҳлил намуда, ба шахсони масъул супориш ва тавсияҳо дод.

– Хатои асосии мо аз он иборат аст, ки пулро қадр намекунем! Мо бояд ҳар як тинро, ки давлат барои дастгирии соҳибкорӣ, рушди инфрасохтор, ба вуҷуд овардани ҷойҳои иловагии кор ҷудо мекунад, бо ақл истифода намоем! Бояд ба таври ҳамешагӣ ба кам кардани харҷҳои истеҳсолӣ, аз он ҷумла харҷҳои нақлиёт кӯшиш намоем. Мо бояд бархурдҳои илмӣ ва инноватсиониро зимни ҳалли ҳар як масъала ба кор андозем, – таъкид кард Президент Шавкат Мирзиёев.

Фаъолияти беш аз 100 корхонаи минтақаи хурди саноатӣ омӯхта шуд.

Шавкат Мирзиёев бо корҳое, ки дар маҳаллаи Орзуи Намангон дар асоси консепсияи «Маҳаллаи обод ва бехатар» ба амал меояд, шинос гардид.

«Орзу» яке аз маҳаллаҳои намунавии Намангон аст. Он соли 2013 ташкил ёфта, соҳиби 830 иморати намунавӣ ва 1682 манзили хусусӣ мебошад. Қариб барои 12,5 ҳазор нафар дар ин ҷо тамоми қулаиҳо ва имконот ба вуҷуд оварда шудааст.

Ҳангоми ташрифи худ ба вилоят соли 2017 роҳбари давлат аз ин ҷо боздид намуда, бо рӯнамоии низоми ба вуҷуд овардани қулаиҳо ба аҳолӣ ва таъмини бехатарӣ дар мисоли маҳаллаи Орзу шинос гардида буд.

Дар минтақаи хурди саноатии «Орзу», ки дар ин ҷо ташкил ёфтааст, 15 лоиҳа татбиқ гардида, беш аз 930 ҷойи кор ба вуҷуд оварда шудааст. Қариб 400 нафар, ки бо кор таъмин гаштаанд, аҳолии маҳалла мебошанд. Кӯдакистон, мактаб барои 650 ҷой, дорухона, нуқтаҳои савдо ва нуқтаҳои хӯроки умумӣ, фитнес-клуб, майдон барои минифутбол бунёд гаштааст. Соли гузашта 20 иморати хидматӣ барои хизматчиёни давлатӣ сохта шуда буд.

Боздиди кунунии роҳбари давлат аз маҳалла боиси таҳрик ёфтани дигар ташаббуси хуб гардид. Ба татбиқи лоиҳаҳои «Маҳаллаи бехатар» дар маҳаллаи мазкур ва «Шаҳри оқил» дар Намангон оғоз бахшида шуд.

Зимни шиносоӣ бо лоиҳаҳо – низоми барои мамлакатамон нави мониторинги геоинформатсионии иҷтимоиву иқтисодӣ ва идораи рақамии Намангон, Президент таъкид кард, ки масъалаи аз ҳама муҳим кам кардани ҷинояткорӣ мебошад.

Мақсади низоми нав омӯзиши доимии вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ дар шаҳр, мониторинги ҳаррӯза, зуд ҳал намудани масъалаҳо дар асоси маълумотҳои таҳлилӣ, гузаштан ба усули идораи онлайни нави инноватсионӣ, ки он ҳангоми қабул намудани қарор самараи хуб дорад, мебошад.

Дар ин низом тамоми индикаторҳо дар монитор аз тариқи харитаи ҷуғрофӣ инъикос меёбад. Аз он ҷумла маълумот дар бораи аҳолӣ, пиронсолони дасттанҳо, муассисаҳои таълимӣ, бозори меҳнат, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, оилаҳои камбағал, вазъияти фазои ҷиноятӣ ҳамеша гузошта мешавад.

Низом, ки ба тариқи озмоиш ба кор андохта шудааст, баъд ба пойгоҳи электронии маълумотҳо дар тамоми соҳаҳо васл карда мешавад. Дар натиҷа имконоти пайгирӣ намудани нишондодҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳр дар низоми онлайн, холисона баҳо додан ба вазъият, назорати проблемаҳо ва андешидани чораҳои ногузир ба вуҷуд меояд. Ин омили муҳими таъмини сулҳ ва бехатарии аҳолӣ ба шумор меравад.

Роҳбари давлат ба нокифоягии кори секторҳо дар бобати назорати ҷинояткорӣ эътибор дод. Ба шахсони соҳибмансаби Вазорати корҳои дохилӣ, Гвардияи миллӣ ва Прокуратураи генералӣ омӯзиши омилҳое супурда шуд, ки ба таъмини осоиштагӣ дар маҳаллаҳо мамониат мекунад ва таҳияи шартҳои ҳуқуқӣ барои кор дар секторҳо супурда шуд.

– Роҳбарони секторҳо дар вилоятҳо минбаъд барои натиҷаи кор дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ масъулият хоҳанд дошт. Мо ба ин низом мегузарем, то ки ба ин саволҳо ҷавоб пайдо кунем: ҷинояткорӣ то чӣ андоза кам гардид, чӣ қадар одамони роҳгумкарда ба роҳи дуруст андохта шуданд? Агар дар иқтисодиёт тартиб ҷорӣ карда тавонем, масъалаи ҷинояткорӣ, таъмини осудагӣ, адолатро ҳал намоем, пас шароити муносибро барои халқамон ба вуҷуд хоҳем овард, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Чорабиниҳо дар заминаи афзудани тарбияи кадрҳои психолог барои кор бо аҳолӣ, бартарафсозии омилҳое, ки барои ҷиноят замина ба вуҷуд меорад, муайян карда шуданд.

Гузориши роҳбарони секторҳои вилоят дар бораи корҳои ҷорӣ дар бобати огоҳии ҷинояткорӣ дар Намангон шунида шуд.

Боғи маданият ва истироҳати «Афсоналар водийси» дар Намангон 155 гектарро фаро мегирад. Дар ин ҷо лоиҳа ба микдори 123 миллион доллар ба амал татбиқ мегардад.

Зимни сафар ба вилояти Намангон Президент Шавкат Мирзиёев бо корҳое шинос шуд, ки дар боғ анҷом дода шудааст ва бо боздидкунандагон суҳбат орост.

Роҳбари давлат қаблан низ бо ин боғ шинос гардида буд, он гоҳ вай ногузирии риояи навтарин талаботро зимни сохтмони он таъкид карда буд. Ҳангоми боздиди соли гузашта аз Намангон Президент аз ҷараёни кор пайгирӣ намуд ва супоришҳои дахлдорро доир ба иҷрои сифатноки он иброз карда буд.

Дар давраи гузашта дар ин ҷо кори доманфарохи бунёдкорӣ анҷом дода шудааст. Вақте ки Боғи маданият ва истироҳати ҳанӯз қисман бакорандохта пурра ба фаъолият шурӯъ менамояд, он метавонад соле ба 600 ҳазор меҳмон хидмат расонад.

Ҳоли ҳозир дар ин ҷо боғҳои махсус бо 16 намуди аттраксион, амфитеатр барои 2400 ҷой, 7 намуди аттраксионҳои обӣ ва аквапарк бо 16 ҳавз, 2 шаршараи замонавӣ ва фаввораи мусиқӣ, 3 тарабхона, 2 истгоҳи мошин барои 1800 ҷой вуҷуд доранд. То моҳи марти соли 2022 ба кор андохтани маркази ҳунармандон, масҷид, меҳмонхона барои 400 ҷой ва 110 вилла ба нақша гирифта шудааст.

Имрӯз дар боғ 600 нафар кор мекунанд ва дар маҷмӯъ ба вуҷуд овардани 1500 ҷойи кор дар назар дошта шудааст.

– Ду сол қабл аз ин ман бо лоиҳаи боғ шинос гардида, ба он «Афсоналар водийси» («Водии афсонаҳо») ном гузоштанро пешниҳод карда будам. Боғе ба вуҷуд омад, ки муносиби номи худ аст. Мо ҳанӯз бисёр чунин маконҳои замонавии истироҳатро дар саросари мамлакат ба вуҷуд меорем, – гуфт роҳбари давлат.

Сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Намангон идома дорад.

**Матназар ЭЛМУРОДОВ,**
**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Акрамҷон САТТОРОВ,**
**хабарнигорони махсуси ЎзА.**




## МУВАФФАҚИЯТИ МЕҲНАТИИ ҒАЛЛАКОРОНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО

Деҳқонони асили вилояти Бухоро дар шароити мураккаби зироатпарварии имсола шуҷоатмандона меҳнат карда, нақшаи шартномавии ба давлат супурдани ғалларо сарбаландона иҷро карданд.Онҳо фасли тирамоҳи соли гузашта дар 60600 гектар майдон ғалла корида буданд. Дар мавсими дарав 408,6 ҳазор тонна гандум истеҳсол гардид, ки ин нисбат ба ҳосили соли гузашта 19,6 ҳазор тонна зиёд аст. Ғаллапарварон имсол гандумҳои навъҳои «Старшина», «Первитса», «Гром», «Рапсодия» ва ғайра корида ҳосили фаровон фароҳам оварданд. Бояд таъкид намуд, ки 22827 гектар майдонҳои ғалла дар қитъаҳои аз пахта холигашта арзи вуҷуд кардааст. Дар комёбии ғаллакорони вилоят саҳми 2860 хоҷагии фермерии ба истеҳсоли ғалла ихтисосонидашуда муносиб гардид. Мувофиқи шартнома ба давлат 179683 тонна ғалла супорида шуд. 122 ҳазор тоннаи ҳосили супоридашударо тухмии хушсифат ташкил мекунад. Дар ҷараёни ҳосилғундорӣ 191-то комбайн аз қабили «Case», «Class», «Class Dominator», «Nyu Holland», «Viktor», 955 техникаи ҳосилкашонӣ, 73 мошини таъминоти сӯзишворӣ, кормандони гвардияи миллӣ ва бехатарии сӯхтор фаъолият нишон доданд. Ҳоло дар вилоят дар 12 ҳазор гектар майдон 9 кластери ғаллакорӣ ташкил ёфта, ба онҳо бевосита 3,8 ҳазор гектар майдон дода шудааст. 8,1 ҳазор гектар ғаллазор ба 508 хоҷагии фермерӣ вобаста гардидааст. Дар комёбии вилоят ноҳияҳои Қаровулбозор, Вобканд, Рометан, Пешкӯ, Шофиркон ва дигарон саҳми арзанда гузоштанд. Бинобар ҳисобу китоби мутахассисон, ба ҳисоби миёна барои рӯёндани ҳосили гандуми имсола ба ҳар як гектар майдон 7 миллионсӯмӣ харҷ гардида бошад, фоидаи дастрасшаванда аз ҳар як гектар майдон ба 10 миллион сӯмӣ рост меояд. Ҳамин тариқ, даромади умумӣ аз ғалла дар вилоят ба 540 миллион сӯм , фоидаи соф бошад, ба 190 миллиард сӯм мерасад. Ҳоло дар 49 ҳазор гектар майдони аз ғалла холишуда кишти такрорӣ ба амал меояд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## «НОН БОШАД СУРУД ҲАМ МЕШАВАД»

***Имрӯзҳо дар саҳроҳои ширкатҳои ноҳияи Сӯх дарави ғалла босуръат давом дорад. Ҳокимияти ноҳия бо мақсади тезу тоза ва хушсифат ғундошта гирифтани ғалла гурӯҳҳои махсуси зарбдор ташкил кардааст, ки онҳо алҳол дар ғаллазорҳои хоҷагии ширкати «Озод» фаъолона меҳнат карда истодаанд.***

– Имсол ба 174 гектар замин гандум коштем. Деҳқонони хоҷагиамон дар асоси талаботи қоидаҳои агротехникӣ ба паварииши он камар бастанд ва ҳосили фаровон рӯёниданд. Дар ҳафт қитъаи майдонҳои хоҷагӣ ҳосили ғалла аз нақшаи пешбинишуда хеле зиёд аст. Аз ҳар гектар 65 - 70 сентнерӣ гандуми аълосифат гирифта истодаем, – мегӯяд сарвари ширкати «Озод» Мӯсоҷон Сотиволдиев.

Ғалла ризқу рӯзии мардуми мост. Дар ин мавсими басо душвор, ки инсоният бар зидди касалии коронавирус муборизаи беамон мебарад, парваришу рӯёнидани ҳосили фаровони ғалла кори саҳл нест. Аммо ғаллакорон ҳамаи ин монеаҳоро бурдборона паси сар менамоянд.

– Дар бунёди хирмани бобаракоти ғаллаи хоҷагиамон ҳиссаи деҳқонони деҳаҳои Ғазноб, Қалъача ва Тӯл хеле калон аст. Масалан, ғаллакорони қалъачагӣ бо сардории Ҷамолиддин Низомиддинов аз 27 гектар замин 70 сентнерӣ ҳосил ба даст оварданд, – гуфт зимни суҳбат сарагрономи хоҷагӣ Эркинҷон Алибоев. – Аз иҷоракорон Акмалҷон Аҳмадҷонов, Манзурахон Тӯхтаева, Полвонҷон Бобоев, Ҳаётҷон Тӯхтаев ва дигарон ҳосили фаровон ва хушсифат рӯёниданд.

.Алҳол дар саҳроҳои қитъаҳои гандуми деҳаҳои Ленбур ва Девайрон низ гандум пухта расидааст ва навбати дарави худро интизор мебошад.

Дар хоҷагии «Озод» ҳоло 4 комбайни ғалладарав, 4 отряди мошинҳои боркашон баҳри зуд ва беталаф ғундоштани ризқу рӯзии мардум шабу рӯз мардонавор меҳнат мекунанд.

Комбайнчиён Эргашалӣ Оламов, Рӯзибой Холматов, Сӯҳбатҷон Тӯйчиев ва Дилшодҷон Шарипов, ронандагон Зиёвиддин Камолов ва Садиёр Эргашев дар ин мавсим саҳми босазои худро мегузоранд.

Дарави ғалла дар ширкати "Озод"-и ноҳияи Сӯх босуръат идома дорад.

**Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ,**
**вилояти Фарғона.**

# МО ХАЛҚҲОИ ДУЗАБОНАИ МАДАНИЯТ, СУННАТ ВА АНЪАНАҲОЯШОН ЯГОНА ҲАСТЕМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Воқеан, тавре ки роҳбари давлати мо таъкид мекунад, **«халқҳои ӯзбек ва тоҷик ду шохи як дарахт, ду шохобаи як дарё мебошанд. Дини муқаддаси мо, замину обамон ягона аст. Шодиву ташвиш, қисматҳоямон муштарак мебошанд. Мо бояд анъанаҳои неки гузаштагонамонро идома дода, барои мустаҳкам шудани дӯсти халқҳоямон ва ҳифз намудани он кӯшиш намоем»**. Бояд эътироф намуд, ки муносибатҳои байни халқҳоямон дар сатҳи сиёсати давлатӣ тақрибан бозмонда буданд. Баробари мунтазам идома ёфтани вохӯриҳо, мубодилаи афкори мунтазами байни роҳбари Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва сарвари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон робитаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ беш аз пеш мустаҳкам мешаванд.

Дар байни халқи мо мақоли «Дӯст дар кулфат шинохта мешавад» маъруф аст. Муаллиф дар мақолаи худ ба воқеияти имрӯз, яъне дар тамоми ҷаҳон паҳн шудани пандемияи коронавирус ва дар қатори кишварҳои дунё аз санҷиши ҷиддӣ гузаштани халқҳои мо эътибор дода, аз ҷумла менависад, ки дар тӯли се моҳи гузашта ба Тоҷикистон аз Ӯзбекистон нисбат ба давлатҳои дигар бештар кӯмакҳои башардӯстона расидаанд, дар таркиби онҳо маҳсулотҳои хӯрокворӣ, ҳамчунин, 144 адад контейнерҳои зудамали тиббӣ ба сифати кӯмаки беғаразона тақдим гардиданд, як гурӯҳ шифокорони дараҷаи олии Ӯзбекистон барои мубориза бар муқобили коронавирус ба Тоҷикистон фиристода шуданд, ки намунаи олии на фақат сиёсати хориҷии ин кишвар, балки ифодаи кушодадиливу бародарии халқи мо ба шумор меравад. Дар навбати худ ҷониби Тоҷикистон низ ба офати табиии обанбори Сардоба бефарқ наистода, ба сифати кӯмак дар 51 вагон маводи сохтмон равона кард.

Ман низ чун ҳамкасби тоҷикистонии худ иқтисоддон ҳастам, вале муҳтавои ин кӯмакҳои тарафайнро дар ин ҳикмати дорои фалсафаи бузурги намояндаи забардасти адабиёти Шарқ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мушоҳида кардам:

**Як гули мақсуд дар ин бӯстон,**
**Чида нашуд бе мадади дӯстон.**

Ба сифати хулоса меҳоҳам таъкид намоям, ки ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ дорои хусусиятҳои хос ва устувори худ мебошад, минтақаи мазкурро бидуни ин ба тарзи ягона ва воҳид наметавон тасаввур кард. Аз захираҳои углеводород сарватманд будани Ӯзбекистон, васеъ инкишоф ёфтани соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, хӯрокворӣ, саноати сабук, мошинсозӣ, электротехника, ҳамчунин имкониятҳои мусоиди нақлиёту коммуникатсионии кишвари мо, салоҳияти хуби гидроэнергетикӣ, имкониятҳои зиёди рушди саноати сохтмон барин нишондиҳандаҳои Тоҷикистон аз оянддаи неки ҳамкориҳои тарафайни байни мамлакатҳоямон шаҳодат медиҳанд.

**Абдуқодир ТОШҚУЛОВ,**
**ректори Донишгоҳи давлатии Тирмиз,**
**сенатор.**

***Дар арафаи Рӯзи ходимони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ бо ташаббуси дафтари матбуоти ҳокимияти вилояти Фарғона пресс-тур ташкил карда шуд. Дар он ходимони шабакаҳои радиову телевизиони давлативу хусусӣ, нашриёҳои чопиву интернетӣ ширкат карданд.***

# ТАВАҶҶӮҲ БА НОҲИЯИ СӮХ БЕШ АЗ ПЕШ МЕАФЗОЯД

Дар оғози ин саёҳат журналистон аз корхонаҳои бонуфузи саноатии вилоят, мисли "Иброҳимҷон гиламлари", «Uzwoolentex», «Moderna Ceramic Industries Ferghana», ҳамчунин Маркази технологияҳои рақамӣ, Донишгоҳи байналмилалии Ӯзбекистон ва Куриё боздид намуданд.

Баъд ҳокими вилоят Шуҳрат Ғаниев барои журналистони дохиливу хориҷӣ нишасти матбуотӣ баргузор намуд. Вай аввал онҳоро бо фарорасии иди касбиашон табрик намуд ва дар пайи он роҷеъ ба дастовардҳои вилоят маълумоти мухтасар низ ироа кард.

– Аз ташрифи ҳамаи шумо ба вилоятамон хеле хушҳолам. Имрӯз дар зиммаи ҳар як роҳбар масъулияти зиёд бор шудааст ва ин масъулият дар давраи пандемияи коронавирус ба чанд карат афзудааст, – гуфт ӯ.

Баъд саволу ҷавоб оғоз ёфт. Ш. Ғаниев ба саволи мухбири "Овози тоҷик" дар бораи он ки "Чаро дар лавҳаи калон номи аксари нашриёҳои марказиву вилоятӣ акс ёфтаанд, аммо номи "Овози тоҷик", ки нашрияи Олий Маҷлис ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст, зикр наёфтааст?", чунин посух дод:

– Ин хатои дафтари матбуот аст ва барои чунин беаҳамиятӣ ман аз идораи рӯзномаи шумо маъзарат меҳоҳам.

Ш. Ғаниев ҳамчунин дар робита ба он ки чаро дар вилояти Фарғона солҳои охир теъдоди муштариёни "Овози тоҷик" хеле кам шудааст, ин гуна ибрози назар кард:

– Дар ҳар мавсими обуна ба мо аз идораи нашриёҳои зиёд номаҳо мерасанд. Вале имрӯз ҳама медонад, ки обуна маҷбурӣ нест. Худи ман низ обунаи маҷбуриро намепазирам.

Агар ҳар як нашрия матолиби хонданӣ интишор кунад, ҷои шубҳа нест, ки теъдоди муштариёнаш беш аз пеш меафзояд.

Ҳоким оиди ноҳияи Сӯх сухан ронда, таъкид намуд, ки дар ноҳияи Сӯх 85 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Аҳолии вилоят чаҳор миллион нафарро ташкил менамояд. Сӯх аз ноҳияҳои кӯчактарини вилояти мо маҳсуб меёбад. Дар баъзе ноҳияҳои вилоятамон 250-300 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд.

Ҳар як ноҳияи анклав муаммоҳову мушкилоти худро дорад. Ин нуктаро онҳое дарк мекунанд, ки дар чунин шароит кору фаъолият менамоянд. Дар ин ҷо мардумон садҳо сол ба ин сӯ дар ҳамсоягӣ ва иттиҳоду ҳамбастагӣ зиндагӣ мекунанд. Бо мардуми Қирғизистони ҳамҷавор дину бозору қабристони муштарак дорем.

Моҳи равон дар ноҳияи Сӯх 2563 ҷои нави кор фароҳам оварда шуд. Ба ивази 390 миллиард сӯм оҳиста-оҳиста корҳои зиёд ба иҷро расонида мешаванд. Дар ноҳия якчанд захираи иловагии обу замин мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

– Барои дар ноҳия бунёд намудани корхонаҳои муштарак гурӯҳи махсус таъсис ёфтааст, ки ба он Сарвазири мамлакат роҳбарӣ мекунад. Ҳоло дар ин ноҳия ноибони сарвазири ҷумҳурӣ бевосита ба мардум кумаки амалӣ мерасонанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Таҳсил

**Мувофиқи вазифаҳое, ки дар Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2017–2021 муайян шудаанд, қарори Президент «Дар бораи параметрҳои фармоиши давлатӣ оид ба қабул барои таҳсил ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар соли хониши 2020/2021» имзо гардид. Имрўзҳо дар муассисаҳои таълими олии кишвар бо мақсади таъмини иҷрои қарор қабули ҳуҷҷати довталабон давом дорад. Аз ҷумла, дар яке аз боргоҳҳои таълимии бонуфузи кишвар – Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар ин самт корҳои зиёд иҷро мешаванд.**

Ҳоло дар он беш аз 18 ҳазор писаракону духтаракон аз тамоми қаламрави Ўзбекистон таълиму тарбия мегиранд. Ба онҳо қариб ҳазор нафар устодон дар утоқҳои васеъ, равшан ва замонавию таҷҳизонида дарс гузашта, нисфи зиёди онҳо дараҷаи илмӣ доранд.

Дар асоси қарори Президент доир ба қабул ба мактабҳои олӣ чораҳои судманд андешида шуд. Акнун хатмкунандагони мактабҳои миёна ва коллеҷҳо ҳуҷҷати худро ба тариқи онлайн месупоранд.



# ҲЕЧ ЗЕВАРЕ ЧУН ДОНИШ НЕСТ...

Муҳимаш, аз роҳи дур омада, навбатпоӣ ва дигар муаммоҳо нест. Рўзи санҷиш, яъне имтиҳон ва тарзи он ба шароит нигоҳ карда муайян хоҳад шуд.

Ба рўйхат гирифтани довталабон аз 20-уми июн то 20-уми июли соли равон идома меёбад. Тест аз рўйи ду фан гузаронида мешавад. Навид он аст, ки як довталаб ба панҷ самти таълими бакалаврӣ иштирок карда метавонад. Хурсандиовар аст, ки саволҳои сабук аз 6 то 9 адад зиёд мешавад.

Чанд сол қабл аз ин факултаи ҳуқуқшиносӣ вуҷуд дошт ва муддате қабул ба ин факултет манъ гардид. Имсол ин факултет дар асоси фармони Президент аз нав кушода шуд. Инчунин факултаи "Агробиотехнология ва бехатарии маводи озуқа" ташкил хоҳад шуд, ки дар оянда барои соҳаи аграрӣ мутахассисони ботаҷриба тайёр мекунад.

Боз як навигарӣ он аст, ки дар назди Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар ноҳияи Тайлоқ омўзишгоҳи агротехнология ва дар ноҳияи Ҷомбой омўзишгоҳи педагогӣ ташкил гардид. Хатмкунандагони он аз бахши дуюм бидуни имтиҳонсупорӣ дар донишгоҳи мо таҳсилро идома медиҳанд.

Сиёсати хирадмандонаи сарвари давлатамон мебошад, ки дар Ўзбекистон шиори «Бародарию баробарӣ» ҷорист. Имсол гурўҳҳои тоҷикӣ ба нўҳ адад расид. Онҳое, ки мактабҳои тоҷикиро хатм намуданд, бахти худро барои дохилшавӣ ба факултаҳои физика, математика, биология, таълими ибтидоӣ ва ғайра санҷида метавонанд. Квотаи қабул нисбат ба соли гузашта қариб ду маротиба афзуд. Танҳо дар факултаи забон ва адабиёти тоҷик 50 нафар қабул карда мешаванд.

Дар ин самт ягон муаммо вуҷуд надорад. Қабули хориҷиён тавассути суҳбат амалӣ мегардад. Ҳатто хобгоҳ ва шароитҳои дигари мусоид фароҳам оварда шудааст.

Донишгоҳи давлатии Самарқанд бо 50 мактаби олии ҷаҳон риштаҳои дўстӣ баста, таҷрибаомўзӣ ва ивази толибилмон ба роҳ монда шудааст. Чанде пеш ҳангоми сафар ба Хитой бо Донишгоҳи Сиам шартномаи ҳамкорӣ имзо кардем. Бояд таъкид намуд, ки донишгоҳи мазкур 80 ҳазор нафар талаба дорад. Донишҷўён аксарияти вақти худро дар китобхона ва мутолиа, майдони варзиш гузаронида, ҳушу ёди онҳо фақат дар хондан аст. Рости гап, ба онҳо ҳавасам омад. Чӣ ҷойи руст кардан аст, ҳушу ёди талабаҳои мо телефону компутербозӣ. Ана баъд имтиҳону санҷишро супурда натавониста, барои баҳогирӣ бисёр азият мекашанд.

Математика – шоҳи фанҳост. Фақат каме шавқу ҳавас лозим, ки кас сирру асрори онро омўзад. Чанде пеш бо ташаббуси сарвари давлат дар Тошканд Донишкадаи риёзӣ ташкил шуд. Дар тамоми вилояту шаҳрҳо мактабҳои махсуси математика фаъолият мебаранд. Математика дар ҳама соҳа лозим. Шояд донед, ки ҳатто чанд нафар чемпионҳои ҷаҳон оид ба шоҳмот аз рўи ихтисос математик ҳастанд. Эммануэл Ласкер, Хосе Раул Капабланка, Михаил Ботвинник, Анатолий Карпов ва дигарон далели фикри ман аст.

Бузургони Шарқ – Ибни Сино, Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, Мирзо Улуғбек доир ба риёзиёт асарҳои безавол эҷод карданд. Дар замони гузашта ҳисоб кардани ашё дар оғози ташаккули маданияти бостонӣ боиси пайдо шудани мафҳумҳои арифметикӣ гардид. Ва дар асоси системаи ҳисоби даҳонӣ системаҳои ҳисоби хаттӣ ба вуҷуд омад. Олимони машҳур Пифагор, Архимед, Эратосфен ва дар Шарқ ҳамдиёрони мо Абўрайҳони Берунӣ, Муҳаммад Хоразмӣ, Умари Хайём, Қозизодаи Румӣ, Алоуддини Қушчӣ ва дигарон дар ин соҳа саҳми арзанда гузоштаанд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳеч зеваре чун дониш нест. Ва илм дар хурдӣ – нақш бар санг! Воқеан, мояи бузургӣ илму адаб аст, на аслу насаб. Аз бузургон пурсидаанд, ки умрро ба кадом шуғл сарф бояд кард? Гуфтаанд: Ба таҳсили илм! Бинобар ҳамин насли наврас рў ба илму дониш оварданашон зарур.

**Рустам ХОЛМУРОДОВ,**
**ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

# ҲИМОЯИ ЗАМИНИ ҒАЛЛА АЗ СЎХТОР

***Дар ин рўзҳое, ки ғаллакорон ба ҷамъоварии ҳосил пардохтаанд, аз сўхтор ва ҳодисаҳои фавқулоддаи табиӣ ҳимояи заминҳои аз дарав озодшуда аҳамияти калон дорад. Аз ин рў, ходимони Садорати экология ва ҳифзи муҳити атроф дар хоҷагиҳои фермерӣ бо деҳқонон вохўриҳо мегузаронанд ва тарзу усулҳои пешгирӣ кардани майдонҳои ғалларо аз сўхтор мефаҳмонанд.***

Дар вохўриву мулоқотҳо талқин карда мешавад, ки замини даравшуда бояд тўли се рўз аз коҳ тоза карда шавад. Одамон зимни аз наздики майдонҳои ғалла гузаштан аз гўгирдзаниву сигоркашӣ худдорӣ намоянд. Зеро ин ҳолат мумкин аст сўхтор ва дигар ҳодисаҳои фавқулоддаро ба миён орад.

– Мувофиқи моддаи 88, қисми сеюми Кодекси маъмурии Ҷумҳурии Ўзбекистон шахсоне, ки сабабгори сарзании сўхтор гардидаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд, – мегўянд масъулони садорати экология ва ҳифзи муҳити атрофи вилояти Ҷиззах зимни яке аз вохўриҳое, ки дар ноҳияи Шароф Рашидов ба амал омад. Ҳамаи ин корҳо ба ҳимояи заминҳои ғалла аз сўхтор равона карда шудаанд. Аз сўи дигар муҳити атроф тоза нигоҳ дошта мешавад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

**2020/2021 ўқув йилида Ўзбекистон Республикаси олий таълим муассасалари бакалавриатининг кундузги таълим шакли бўйича давлат буюртмаси асосида ўқишга қабул қилиш параметрларининг таълим йўналишлари ва ўқитиш тиллари бўйича ТАҚСИМЛАНИШИ (кундузги таълим шакли бўйича)**

| Шифр | Олий таълим муассасаси ва таълим йўналишлари номи | Жами | Давлат грантлари асосида | | | | Тўлов-контракт асосида | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Жами | шу жумладан: | | | Жами | шу жумладан: | | |
| | | | | ўзбек | рус | тож | | ўзбек | рус | тож |
| **24** | **Самарқанд давлат университети** | **3325** | **763** | **557** | **151** | **55** | **2562** | **1873** | **519** | **170** |
| 5110100 | Математика ва информатика | 225 | 65 | 42 | 15 | 8 | 160 | 108 | 35 | 17 |
| 5110200 | Физика ва астрономия | 75 | 20 | 10 | 5 | 5 | 55 | 25 | 15 | 15 |
| 5110300 | Кимё | 75 | 20 | 10 | 5 | 5 | 55 | 25 | 15 | 15 |
| 5110400 | Биология | 75 | 20 | 10 | 5 | 5 | 55 | 25 | 15 | 15 |
| 5110500 | География ва иқтисодий билим асослари | 50 | 10 | 7 | 3 | | 40 | 23 | 17 | |
| 5110600 | Тарих | 50 | 15 | 10 | | 5 | 35 | 20 | | 15 |
| 5110800 | Тасвирий санъат ва муҳандислик графикаси | 75 | 25 | 17 | 8 | | 50 | 38 | 12 | |
| 5111100 | Мусиқа таълими | 75 | 10 | 10 | | | 65 | 65 | | |
| 5111400 | Хорижий тил ва адабиёти: инглиз тили | 50 | 10 | 10 | | | 40 | 40 | | |
| 5111700 | Бошланғич таълим | 175 | 30 | 20 | 5 | 5 | 145 | 105 | 20 | 20 |
| 5111800 | Мактабгача таълим | 175 | 30 | 20 | 5 | 5 | 145 | 105 | 20 | 20 |
| 5112000 | Жисмоний маданият | 125 | 25 | 20 | 5 | | 100 | 80 | 20 | |
| 5112100 | Технологик таълим | 75 | 25 | 18 | | 7 | 50 | 37 | | 13 |
| 5120100 | Филология ва тилларни ўқитиш: | | | | | | | | | |
| 5120100 | Филология ва тилларни ўқитиш: ўзбек тили | 150 | 40 | 40 | | | 110 | 110 | | |
| 5120100 | Филология ва тилларни ўқитиш: рус тили | 125 | 25 | | 25 | | 100 | | 100 | |
| 5120100 | Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили | 50 | 10 | | | 10 | 40 | | | 40 |
| 5120300 | Тарих (мамлакатлар ва йўналишлар бўйича) | 50 | 10 | 6 | 4 | | 40 | 24 | 16 | |
| 5120400 | Археология | 25 | 8 | 8 | | | 17 | 17 | | |
| 5130100 | Математика | 100 | 40 | 32 | 8 | | 60 | 48 | 12 | |
| 5130200 | Амалий математика | 75 | 25 | 17 | 8 | | 50 | 38 | 12 | |
| 5140100 | Биология (турлари бўйича) | 75 | 20 | 15 | 5 | | 55 | 40 | 15 | |
| 5140200 | Физика | 75 | 20 | 15 | 5 | | 55 | 40 | 15 | |
| 5140300 | Механика ва математика моделлаштириш | 50 | 15 | 15 | | | 35 | 35 | | |
| 5140500 | Кимё | 75 | 20 | 20 | | | 55 | 55 | | |
| 5140600 | География | 50 | 10 | 10 | | | 40 | 40 | | |
| 5140800 | Геология (фаолият соҳаси бўйича) | 50 | 10 | 6 | 4 | | 40 | 24 | 16 | |
| 5150600 | Вокал санъати (турлари бўйича) | 25 | 5 | 5 | | | 20 | 20 | | |
| 5150700 | Чолғу ижрочилиги (турлари бўйича) | 25 | 5 | 5 | | | 20 | 20 | | |
| 5150800 | Рангтасвир (турлари бўйича) | 25 | 5 | 5 | | | 20 | 20 | | |
| 5151200 | Амалий санъат (турлари бўйича) | 25 | 5 | 5 | | | 20 | 20 | | |
| 5210100 | Социология | 50 | 10 | 10 | | | 40 | 40 | | |
| 5210200 | Психология (фаолият турлари бўйича) | 75 | 5 | 4 | 1 | | 70 | 51 | 19 | |
| 5230100 | Иқтисодиёт (тармоқлар ва соҳалар бўйича) | 50 | 5 | 5 | | | 45 | 45 | | |
| 5240100 | Юриспруденция (фаолият турлари бўйича) | 50 | 5 | 3 | 2 | | 45 | 27 | 18 | |
| 5320400 | Кимёвий технология (ишлаб чиқариш турлари бўйича) | 75 | 15 | 11 | 4 | | 60 | 44 | 16 | |
| 5320500 | Биотехнология (тармоқлар бўйича) | 50 | 10 | 10 | | | 40 | 40 | | |
| 5330100 | Компьютер илмлари ва дастурлаш технологиялари (йўналишлар бўйича) | 75 | 10 | 7 | 3 | | 65 | 48 | 17 | |
| 5330600 | Дастурий инжиниринг | 50 | 5 | 5 | | | 45 | 45 | | |
| 5410100 | Агрокимё ва агротупроқшунослик | 50 | 10 | 10 | | | 40 | 40 | | |
| 5410300 | Ўсимликларни ҳимоя қилиш (экин турлари бўйича) | 50 | 10 | 10 | | | 40 | 40 | | |
| 5411000 | Мевачилик ва узумчилик | 25 | 10 | 10 | | | 15 | 15 | | |
| 5411600 | Сабзавотчилик, полизчилик ва картошкачилик | 25 | 10 | 10 | | | 15 | 15 | | |
| 5411700 | Иссиқхона хўжалигини ташкил этиш ва юритиш | 25 | 10 | 10 | | | 15 | 15 | | |
| 5520100 | Ижтимоий иш (фаолиятнинг турли соҳалари бўйича) | 75 | 5 | 4 | 1 | | 70 | 51 | 19 | |
| 5610535 | Спорт фаолияти (хотин-қизлар спорти йўналиши бўйича) | 50 | 15 | 15 | | | 35 | 35 | | |
| 5611600 | Ноширлик иши | 25 | 5 | 5 | | | 20 | 20 | | |
| 5630100 | Экология ва атроф-муҳит муҳофазаси (тармоқлар ва соҳалар бўйича) | 50 | 10 | 10 | | | 40 | 40 | | |
| 5112500 | Ўзга тилли гуруҳларда рус тили | 100 | 25 | | 25 | | 75 | | 75 | |
| 5130300 | Математик инжиниринг (ишлаб чиқариш соҳалари бўйича) | 25 | 10 | 10 | | | 15 | 15 | | |

**2020/2021 ўқув йилида Ўзбекистон Республикаси олий таълим муассасалари бакалавриатининг сиртқи таълим шакли бўйича давлат буюртмаси асосида ўқишга қабул қилиш параметрларининг таълим йўналишлари ва ўқитиш тиллари бўйича ТАҚСИМЛАНИШИ (сиртқи таълим шакли бўйича)**

| Шифр | Олий таълим муассасаси ва таълим йўналишлари номи | Жами | Давлат грантлари асосида | | | | Тўлов-контракт асосида | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Жами | шу жумладан: | | | Жами | шу жумладан: | | |
| | | | | ўзбек | рус | тож | | ўзбек | рус | тож |
| **24** | **Самарқанд давлат университети** | **1200** | | | | | **1200** | **1130** | **70** | |
| 5110100 | Математика ва информатика | 50 | | | | | 50 | 50 | | |
| 5110400 | Биология | 75 | | | | | 75 | 75 | | |
| 5110500 | География ва иқтисодий билим асослари | 75 | | | | | 75 | 75 | | |
| 5110600 | Тарих | 75 | | | | | 75 | 75 | | |
| 5110800 | Тасвирий санъат ва муҳандислик графикаси | 25 | | | | | 25 | 25 | | |
| 5111100 | Мусиқа таълими | 50 | | | | | 50 | 50 | | |
| 5111700 | Бошланғич таълим | 250 | | | | | 250 | 225 | 25 | |
| 5111800 | Мактабгача таълим | 275 | | | | | 275 | 250 | 25 | |
| 5112000 | Жисмоний маданият | 75 | | | | | 75 | 55 | 20 | |
| 5112100 | Технологик таълим | 50 | | | | | 50 | 50 | | |
| 5120100 | Филология ва тилларни ўқитиш: ўзбек тили | 50 | | | | | 50 | 50 | | |
| 5130100 | Математика | 50 | | | | | 50 | 50 | | |
| 5210200 | Психология (фаолият турлари бўйича) | 50 | | | | | 50 | 50 | | |
| 5230100 | Иқтисодиёт (тармоқлар ва соҳалар бўйича) | 25 | | | | | 25 | 25 | | |
| 5231600 | Инсон ресурсларини бошқариш | 25 | | | | | 25 | 25 | | |

**2020/2021 ўқув йилида Ўзбекистон Республикаси олий таълим муассасалари бакалавриатининг кечки таълим шакли бўйича давлат буюртмаси асосида ўқишга қабул қилиш параметрларининг таълим йўналишлари ва ўқитиш тиллари бўйича ТАҚСИМЛАНИШИ (кечки таълим шакли бўйича)**

| Шифр | Олий таълим муассасаси ва таълим йўналишлари номи | Жами | Давлат грантлари асосида | | | Тўлов-контракт асосида | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Жами | шу жумладан: | | Жами | шу жумладан: | |
| | | | | ўзбек | рус | | ўзбек | рус |
| **11** | **Самарқанд давлат университети** | **375** | | | | **375** | **375** | |
| 5110100 | Математика ва информатика | 75 | | | | 75 | 75 | |
| 5110200 | Физика ва астрономия | 75 | | | | 75 | 75 | |
| 5110300 | Кимё | 75 | | | | 75 | 75 | |
| 5111800 | Мактабгача таълим | 75 | | | | 75 | 75 | |
| 5130200 | Амалий математика | 75 | | | | 75 | 75 | |

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-635. Адади нашр 1000, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Х. Ҳамидов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 05.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.